**Такризи**

**мукарризи расмӣ ба диссертатсияи Якубшоев Афруз Хубоншоевич «Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2016) », барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D020300 - Таърихи (6D020301- Таърихи ватанӣ) пешниҳод гардидааст**

Санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамо самтҳои муҳимтарини соҳаи фарҳанг маҳсуб ёфта, барои пешрафти маънавиёти сокинони мамлакат моҳияти бузург доранд ва аз нигоҳи илмӣ-назариявӣ низ барои омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ мубрам шуморида мешаванд. Диссертатсияи мазкур низ фарогири таърихи рушди соҳаҳои дар боло зикршуда мебошад, ки ҳолат, дурнамо ва масоили мушкилоти соҳаҳоро мавриди таҳлилу омӯзиш карор гирифтааст.

Дар шароити рушди давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон, тағйир ёфтани низоми сиёсию, иктисодӣ ва фарҳангии мамлакат мавриди омӯзиш карор додани мавзуи мазкур саривақтӣ мебошад. Бояд гуфт, ки таҳлилу баррасӣ намудани масъалаҳои муҳимтарин, мушкилот ва дурнамои соҳа аҳамияти калони илмӣ, назариявӣ ва тарбиявӣ дорад.

Муаллифи диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқотиро бо далели он, ки дар соҳаи фарҳанги мамлакат бо вуҷуди дастовардҳои нав, норасоиҳо, камбудӣ ва мушкилоти зиёде низ мавҷуданд. Омӯзишу таҳлили масъала бе баррасии ҷиҳатҳои таърихии ташаккул ва рушди соҳаҳои таҳқиқшаванда аз имкон берун аст, аз ин хотир ба таърихи ташаккул ва рушди санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои тоҷик аз имкон берун аст. Бо ба инобат гирифтани ҳамин асос Якубшоев Афруз Хубоншоевич дар се ҷиҳат мубрамияти мавзуи диссертатсиониро нишон медиҳад, ки ин се самти соҳаи фарҳангро фарогир мебошанд.

Ин ҳам бошад мушкилоти фаъолияти театрҳои касбӣ дар солҳои навадум ва саъю талошҳои Ҳукмати мамлакат барои баркарор кардани

театрҳои касбӣ ва ба роҳ мондани фаъолияти кории онҳо. Дар солҳои истиқлолият ба шароити моддӣ-техникии театрҳо ва таъсиси студияҳои нав диққати ҷиддӣ зоҳир гардид.

Ҷиҳати дигари муҳиммияти мавзӯъ ин мушкилоти муҳоҷирати мутахассисони соҳаи мусиқӣ аз оркестрҳо, муассисаҳои таълими мусиқӣ, ромишгарон, овозхонони опера ва балет аз мамлакат маҳсуб меёбад, ки барои рушду пешрафти соҳа мушкилоти ҷиддиро ба бор овард.

Дигар ҷанбаи мубрам будани мавзуъро муаллиф вазъи синамои тоҷик дар солҳои 1991-2016 баррасӣ мекунад, ки дар ин самт ҳам муҳоҷирату аз кор рафтани кадрҳои касбӣ, нарасидани воситаҳои техникӣ, маблағ барои наворгирӣ ва сабту истеҳсоли филмҳо дар ҷумҳурӣ ба чашм мерасид.

Диссертатсияи Якубшоев Афруз Хубоншоевич аз се боб шаш зербоб, муқаддима ва хулосаву руйхати адабиёт ва сарчашмаҳои истифодашуда иборат мебошад. Муқаддимаи рисолаи илмии мазкур фарогири асосноккунии мубрамияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи он, мақсад, вазифаҳо, навовариҳои илмӣ, асосҳои методологӣ, заминаи манбаъвии кор, доираи хронологӣ, предмет ва объект, муқарраротӣ ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқот, тасвиб ва амалишавии натиҷаҳои диссертатсия мебошад.

Омӯзиш ва хулосаҳои мусбии таърихӣ доир ба ҳар бобу зербобҳо ва умуман рисола барои ошкор намудани камбудиҳои соҳа ва инкишофи имкониятҳои бехтар кардани фаъолияти соҳаҳои таҳқиқшудаи фарҳанг метавонанд барои рушду пешрафти соҳаи фарҳанг, махсусан санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамо мусоидат намоянд. Дар тӯли даҳсолаҳои охири даврони истиқлоли мамлакат доир ба соҳаи фарҳанг, ки яке аз соҳаҳои мустақилу муҳимми ҳаёти ҷомеа мебошад, дар илми таърихи ватанӣ ташаккул ва пешрафти соҳаи фарҳанг ва самту равияҳои алоҳидаи он рисолаҳо ва таҳқиқотҳои илмӣ анҷом дода шуданд.

Мазмуни худи диссертатсия дар боби аввал зери унвони «**Мақоми санъати театри тоҷик дар ҷомеаи муосир**», ки аз ду зербоб иборат аст ба масъалаҳои саҳми театрҳои касбӣ ва фестивал-озмунҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ дар пешрафти соҳа бахшида шуда, мавриди таҳлилу омӯзиш қарор мегиранд. Зербоби аввали ин боб таҳқиқи вазъи санъати саҳнавӣ дар солҳои истиқлолият фарогир буда, муаллиф моҳияти муҳим доштани ин санъатро барои пешрафти ҳаёти маънавии аҳли ҷомеа арз медорад. Аз ин лиҳоз Ҳукумати мамлакат ба соҳа таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда барои ҷоннок намудани фаъолияти санъати саҳнавӣ имкониятҳо ва шароити мусмоидро фароҳам оварда, пайваста ғамхорӣ зоҳир менамояд. Маҳз бо дастгириҳои зиёди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти касбии театрҳои ҷумҳурӣ дубора эҳё гардида, эҷодиёти кормандони соҳа ранги нав гирифт ва дар саҳифаҳои таърихи навини кишвари мо фаъолияти театрҳои касбӣ пурсамар гардид. Театрҳо бештар асарҳои ба таъриху фарҳанги миллати тоҷик рабтдоштаро ба саҳна гузошта бо ин васила тамошобинро аз мероси гаронбаҳои мардуми мо огоҳ намуданд. Дар ин самт фаъолияти кормандону ҳунарпешаҳои санъати театрии кишвар мавриди таҳсин аст, зеро ба ин восита онҳо тавонистанд дар тарбияи ватандӯстӣ, худшиносӣ, ваҳдат, омӯзиши таърихи ниёгон саҳми бевосита худро гузоштаанд.

Дар зербоби дуюми кори худ диссертант масъалаи баргузоркунии фестивал-озмунҳо ва саҳми онҳо дар тақвияти санъати театрӣ мавриди омӯзиш қарор додааст. Дар ин бобат муаллиф чунин овардааст: «Баргузор намудани фестивал-озмунҳои ҷумҳуриявии театрҳои касбии барои инкишофи санъати театрӣ, рушди драмматургияи миллӣ ва рӯи саҳна овардани асарҳои нави замонавӣ, навҷӯиҳо дар ҷодаи режиссураи тоҷик, кашфи чеҳраҳои нави санъаткорон заминаҳои мусоид фароҳам овардаанд. Вусъат ёфтани фестивал-озмунҳо дар ҷумҳурӣ бобати дигаргун сохтани фазои фарҳангӣ, хусусан, барои театрҳои касбӣ маҳсули замони истиқлолият ба шумор меравад. Ба андешаи мо чунин

фестивал-озмунхо барои пешрафт ва нумӯи санъати касбӣ ниҳоят самарабахш махсуб меёбанд, зеро далелҳои болозикр инро бо исрор тасдик мекунанд.» Дар ин бобат диссертант доир ба ташкил ва баргузор намудани фестивал-озмунҳои зерин маълумоти муфассал оварда, саҳми онҳоро дар пешрафту самаранокии фаъолияти касбии театрҳои ҷумҳурӣ андешаронӣ намудааст. Аз қабили фестивал-озмунҳои «Парасту» ва фестивал-озмунхои байналмилалии «Чодари хаёл», «Навруз», АРТ ОРДО, «Санъат барои сулҳ», фестивал-озмуни театрҳои касбии «Театр-оплот мира», «Во имя мира», «Даҳаи фаҷр» дар диссертатсия мавриди омӯзиш ва таҳлил карор дода шудаанд.

Дар хулосаи худ диссертант доир ба боби аввал кайд мекунад, ки дар санъати саҳнавии Ҷумҳурии Тоҷикистон омилҳои ҷаддиде ба вуҷуд омаданд, ки бо тағйироти дар ҳаёти ҷамъиятӣ рухдода сахт алокамандӣ доштанд. Барои театрҳо ва умуман санъати театрӣ истиқлолият на танҳо имконияти нави эҷодиро медод, балки имтиҳони ҷиддие ҳам маҳсуб меёфт, ки барои нигоҳ доштани ин санъати хунарӣ ва боло бурдани сатҳи малакаву маҳорати касбии ҳунарпешаҳои театрҳои касбӣ буд. Бо талаби замон театрҳои касбӣ ба мавзуъҳои нав, аз қабили масоили таърихӣ, ки ба мустаҳкам намудани давлатдории миллӣ ва бедор намудани ифтихори миллӣ равона шудаанд, эҳёи суннатҳои мардумии театрӣ ва масоили доғи рӯз ру оварда, ба комёбиҳои назаррас ва пешравиҳо ноил гардиданд. Санъати театрии Ҷумхурии Тоҷикистон дар даврони Истиклолияти давлатӣ бо як таваҷҷуҳи махсуси Ҳукумати мамлакат ба анъанаҳои бойи мусикии миллӣ, адабиёт, санъати рассомӣ, меъморӣ ва дар маҷму фарҳанги анъанавии бадеӣ рӯ оварда, дар ин самт комёбиҳоро соҳиб гашт. Такяи санъати театрӣ ба анъанаҳои беҳтарин ва ба саҳна бозгардонии этнография, эҷодиёти мардумӣ, рузгори миллӣ, расму русум аз самтҳои асосию намоёнтарини фаъолияти саҳнаи муосири тоҷик махсуб меёбад. Ин тамоюл бештар дар ба саҳнагузории

намоишҳои театрӣ дар театрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мушоҳида мешавад, боиси дастгирист.

Боби дуюми диссертатсияи Якубшоев Афруз Хубоншоевич «**Рушди хусусиятҳои хоси миллии санъати мусиқии тоҷик дар солҳои истиқлол**» номгузорӣ шуда, ба таҳқиқи масъалаи ташаккул ва рушди мусиқии миллӣ дар Тоҷикистон ва омилҳои асосии пешрафти ин соҳаи санъати миллии тоҷик бахшида мешавад.

Диссертант дар ин бобат қайд мекунад, ки Бо ба эътидол омадани вазъи сиёсии кишвар ҳаёти мусиқии ҷумҳурӣ нисбатан беҳтар ва ҷолибтар гардидааст. Албатта, дар ин соҳа ҳам мушкилиҳо ва камбудиҳо дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI ҷой доштаанд.

Аввалан саҳми бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва қабул гардидани як қатор фармонҳо дар самти ҳаёти мусиқии фарҳанги кишвар сухан меравад. Пас аз ба даст овардани истиқлолият, махсусан, аз солҳои 2000-ум ба мусиқии анъанавии касбии тоҷик диққати ҷиддӣ дода мешуд. Зеро жанрҳои мусиқии фалак, шашмақом-ифтихори маданияти миллии тоҷикон мебошанд.

Аз ҷумла, соли 2000-ум Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи рушди «Шашмақом» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 12-уми май, таҳти №294 интишор гардид. Ба туфайли ин дар ҷумҳурӣ мактаб - студияҳои бачагона, ансамблҳои мақомсароён кушода шуда, фестивалҳо, мизи мудаввар, симпозиумҳо доир ба Шашмақом ташкил ва гузаронида шудаанд. Ҳамчунин омӯзиши бисёрҷонибаи «Шашмақом» ба роҳ монда шуда, пайдоиши он, рушд ва услуби иҷро кардани он масъалаҳои асосӣ ба шумор мерафтанд. Ба жанри дигари мусиқии «Фалак» низ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир гардида 10 октябри соли 2007 рӯзи «Фалак» дар мамлакат эълон шуд. Дар доираи тадбирҳои зикргардида, дар самти густариши санъати мусиқӣ фестивал-симпозиумҳо, семинарҳо, ҳамоишҳо, конференсияҳо ва мизҳои гирди сатҳи байналмилалӣ ташкил ва баргузор

карда шуданд. Ин иқдомҳо боиси пешрафти санъати миллии мусикии ҷумҳурӣ гардид ва имкон дод, ки санъати волои класикию мардумӣ ба ҷаҳониён низ муаррифӣ гардад.

Боиси зикр аст, ки фестивал-озмуҳои байналмилалии«Баҳористон», «Аржанг», «Фалак»,«Шашмақом» ва ғайраҳо барои густариши санъати мусиқии мамлакат такони ҷиддӣ доданд.

Дар хулоса дар бобати боби мазкур диссертант изҳор мекунад, ки дар даврони муосири рушди соҳаи фарҳанг барои ривоҷу равнақи афкори мусиқии тоҷик чӣ дар дохил ва чӣ берун аз ҷумҳурӣ чорабиниҳои зиёди фарҳангӣ-мусиқӣ ташкил ва гузаронида шудаанд. Дар даврони муосири рушди соҳаи фарҳанг барои ривоҷу равнақи афкори мусикии тоҷик чи дар дохил ва чи берун аз ҷумхурӣ чорабиниҳои зиёди фарҳангӣ-мусиқӣ ташкил ва гузаронида шудаанд. Мероси ғании моддӣ ва маънавии санъати мусиқии тоҷик имкон дод, ки дар марҳилаи нави рушди ҷомеа ҳамаи жанрҳои мусиқӣ дар кишвар баробар рушд кунанд. Махсусан, жанрҳои классикии санъати мусиқии халки тоҷик бештар дар маркази диққати аҳли хунар, эҷод ва кормандони фарҳанги кишвар қарор доштанд.

Боби сеюми диссертатсия ба масъалаи **«Вазъи умумии санъати синамои Тоҷикистони соҳибистиқлол дар солҳои 1991-2016»** бахшида шудааст, ки дар он вазъи умумии санъати синамо ва ҳамкории синамогарони тоҷик бо ҳамтоёни хориҷӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода шудааст.

Муаллиф доир ба моҳият ва хусусияти санъати синамо ва таъсири он ба ташаккул ва такмили маънавиёти ҷомеа таъкид менамояд, зеро соҳаи мазкур дар ин раванд мақоми барҷаста дорад. Инро бо суханон Пешвои миллат асоснок карда меорад, ки «Синамо чун ҷузъи асосии фарҳанги ҷомеа воситаи асосии тарғиб ва паҳнкунии идеологияи давлатӣ дар байни ҷомеа маҳсуб меёбад ва ягон намуди дигари санъат онро иваз карда наметавонад». Ин аст, ки барои тақвияти соха дар даврони

истиклолият як катор санадҳои меёрию хукукии танзимкунандаи фаъолияти пурсамари соҳа таҳия ва тасдиқ карда шуданд.

Муаллиф таъкид мекунад, ки кормандону коршиносони соҳа дар филмофарӣ ба асарҳои миллӣ ва таърихию дорои тамоюлҳои фарҳанги мардумии тоҷик рӯ оварда, филмҳои ҷолибро истеҳсол нмуда, ба маърази тамошобин пешниход намуданд. Ба ғайр аз баҳри дар сатхи зарурӣ ба роҳ мондани фаъолияти синамогарони тоҷик чораҳои зарурии ташкилию тарғиботӣ дар ҷумҳурӣ дар давраи истиқлолият ба роҳ монда шудааст.

Таҷриба нишон медиҳад, ки бе вусъат додани ҳамкориҳо бо кишварҳои ҳамҷавору хориҷ ягон соҳа пеш рафта наметавонад, зеро омӯхтани таҷрибаи коршиносони хориҷӣ ва татбиқи навгониҳо дар ҳар соҳа такозои замон аст. Дар соҳаи синамои тоҷик низ ин раванд мушоҳида мешавад. Дар диссертатсия дар ин бобат омадааст, ки дар давари таҳқиқотшавандаи таърихи муосири тоҷик санъати синамо дигаргуниҳои ҷиддиро аз сар гузаронидааст. Синамогарони тоҷик бо кишварҳои Россия, Эрон, Афғонистон, Олмон, Фаронса ва чандин кишварҳои дигар ҳамкориҳои судманди эҷодию касбӣ ба роҳ мондааснд.

Дар ҷамъбандии боби мазкур муаллиф қайд мекунад, ки санъати синамои тоҷик комилан ба марҳилаи нави рушди худ қадам гузоштааст. Синамогарони тоҷик тамоми нерӯи зеҳнии худро баҳри пешбурди соҳа сарф намуда, навгониҳои техникию технологии банаворгирӣ ва истеҳсоли филмҳои навро ҷорӣ намуда истодаанд. Аммо ин чораҳо ва пешравиҳои синамои тоҷик ҳоло кофӣ нестанд. Равнақ додани ҳамкориҳои эҷодӣ, техникӣ, технологӣ бо шарикони хориҷӣ барои пешрафти санъати синамо зарур аст.

Ҳамин тарик, боиси зикр аст, ки диссертатсияи Якубшоев Афруз Хубоншоевич ба мавзуи мубрами марҳилаи таърихи муосири халки бахшида шудааст ва бо назардошти мазмуну мундариҷа, муҳтаво ва ҷамъбасту хулосаҳо, пешниҳодот баҳри пешрафти соҳа, таҳқиқоти

анҷомёфта ҳисобида мешавад. Бинобар ин рисолаи мазкур барои ғанӣ гардонидани базаи адабиёти илмӣ барои пажуҳиши минбаъдаи мавзуъ ва омӯзишу таҳқикоти мутахассисони оянда аз аҳамият орӣ нест.

Аммо бо вуҷуди муваффакиятҳои зиёд дар диссертатсияи такризшаванда чанд эродҳоро бояд арз намоем:

1. Мустаҳкам намудани базаи сарчашмавии диссертатсия ва дар он дарҷ намудани сарчашмаҳои муҳимтарин доир ба мавзуъ;
2. Муаллиф ҳангоми таҳлил ва арзёбии мушкилоту норасоиҳо дар соҳаи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамо дар рисола тавсияҳо ва пешниҳодҳои бартараф намудани ин мушкилотҳо мушаххасан назари худро баён накардааст;
3. Дар диссертатсияи вазъу сифати омодакунии мутахассисони соҳаҳои театрӣ, мусиқӣ ва синамо дар муассисаҳои таълимии дохили мамлакат ва кишварҳои хориҷӣ нокифоя мавриди таҳлил қарор гирифта шудааст;
4. Дар матни диссертатсия ва автореферати рисола баъзе иштибоҳоти техникию имлоӣ ба назар мерасанд.

Дар маҷмуъ эродҳои зикршуда ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия хусусияти тавсиявӣ доранд ва таъсиргузор нестанд. Ин дастовардҳои асосии муаллифро дар кори анҷомдодаи илмии таҳқикотӣ халалдор нахоҳад кард.

Интишороти диссертант ва автореферат пурра ба мазмуну мундариҷаи рисолаи илмӣ мувофиқат карда, паҳлуҳои алоҳидаи таҳқиқотро инъикос менамоянд.

Хуллас дар ҷамъбаст, бояд зикр кард, ки сохтори рисолаи диссертатсионии Якубшоев Афруз Хубоншоевич «Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2016) » ба талаботи пешниҳодгардидаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамояд.

Аз ин рӯ, натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки мувофики бандҳои 69-73, 74-77, 79 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» - и тасдиқнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 Яқубшоев Афруз Хубоншоевич ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D020300 – Таърихи (6D020301-Таърихи ватанӣ) мувофиқ аст.

**Муқарризи расмӣ, номзади имлҳои таърих** **М.С. Таваров**

**Имзои номзади илмҳои таърих М.С. Таваровро тасдиқ менамоям: Сармутахасиси шуъбаи кадрҳои рӯзномаи «Ҷумҳурият»** **Б. Раҳмоншоева**

РАЁСАТИ МОЛИЯВИЮ ХОҶАГӢ

15.04.2024

Маълумот барои тамос:
Суроға: 734018.Ш. Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16
Тел: 992934513816
E - mail: mtabari@mail.ru